АГЕНТИИ ХАРИДИ ДАВЛАТИИ МОЛ, КОР ВА ХИЗМАТРАСОНИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ф А Р М О И Ш

№ 18 ш. Душанбе «1» 02 соли 2018

Дар бораи тадбирҳои марбут ба татбиқи самараноки фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ"

Бо мақсади самаранок татбиқ намудани фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 январи соли 2018, №990 "Дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ", мутобиқи сархати 6 банди 9 Низомномаи Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 январи соли 2018, №990 "Дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ" мавриди татбиқ қарор дода шавад.

2. Маъмури сомонаҳои расмии Агентӣ (Абдуалимова С.) бо мақсади иттилоотонии субъектҳои соҳибкорӣ-иштирокчиёни расмиёти хариди давлатӣ ва молистеҳсолкунандагони ватанӣ ҷиҳати дар сомонаи zakupki.gov.tj ва сомонаи истеҳсолкунандагони мол, кор ва хизматрасонии Ҷумҳурии Тоҷикистон madeinzakupki.gov.tj ҷойгир намудани фармони номбурда ва фармоиши мазкур чораҳои зарурӣ андешад.

3. Бахши умумӣ, кадрҳо ва корҳои махсус (Шарипов А. Р.) расонидани фармоиши мазкур ва нусхаи фармони номбурдаро ба воҳидҳои сохтории Агентӣ таъмин созад.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини Директори Агентӣ Р. Каримӣ вогузор карда шавад.

Директор **Б. Сироҷиддинзода**

Аг. каризи мол

ФАРМОНИ
ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
УКАЗ
ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ

Бо мақсади дастгирии давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, ташкили ҷойҳои корӣ, таҳкими иқтидори саноатию содиротии ҷумҳурӣ, кам намудани санҷишҳо ва фароҳам овардани фазои мусоид барои соҳибкориву сармоягузорӣ, мутобиқи моддаи 69 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ф а р м о н м е д и ҳ а м:

1. Ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, ба истисноии санҷишҳои нақшавии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳлати ду сол мораторий эълон карда шавад.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлати ду моҳ санадҳои меъёрии ҳуқуқии худро ба фармони мазкур мутобиқ гардонад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш.Душанбе
16 январи соли 2018
№ 990

Корнилов Р
Акрамов М
Кодиров П
Шарипов А
Бояд мониторинг ва гарбарӣ.
22.01.2018

ФАРМОНИ
ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
УКАЗ
ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Об объявлении моратория на все виды проверок деятельности субъектов предпринимательства в сферах производства

С целью государственной поддержки деятельности субъектов предпринимательства в сферах производства, создания рабочих мест, укрепления промышленного и экспортного потенциала республики, уменьшения проверок и создания благоприятных условий для предпринимательства и инвестирования, в соответствии со статьей 69 Конституции Республики Таджикистан п о с т а н о в л я ю:

1. Объявить мораторий сроком на два года на все виды проверок деятельности субъектов предпринимательства в сферах производства, за исключением плановых проверок Агентства по государственному финансовому контролю и борьбе с коррупцией Республики Таджикистан, Национального банка Таджикистана, Генеральной прокуратуры Республики Таджикистан, Счетной палаты Республики Таджикистан и Налогового комитета при Правительстве Республики Таджикистан.

2. Правительству Республики Таджикистан в двухмесячный срок привести свои нормативные правовые акты в соответствие с настоящим указом.

Президент
Республики Таджикистан Эмомали Рахмон

г.Душанбе
16 января 2018 года
№ 990

АГЕНТИИ ХАРИДИ ДАВЛАТИИ МОЛ, КОР ВА ХИЗМАТРАСОНИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
воридоти № 2/90
"22" 01 2018 г.